«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____ Файзулло М. Қ.
7 декабри соли 2022

Тақризи
муассисаи пешбар ба диссертатсияи доктории Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи «Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2022, -340с.)

Забоншиносии тоҷик чанд соли охир дар масъалаи омӯхтани хусусиятҳои забони осори назмиву насрии адибони даврони асримиёнагӣ ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст ва дар атрофи масоили алоҳидаи он як қатор асарҳо ба нашр расиданд. Бо вуҷуди он дар ин самти таҳқиқ то ба ҳол боз ҷанбаҳои омӯхтанашудае мавҷуданд, ки интизори пажуҳиш мебошанд. Мавриди таҳқиқ қарор надоштани забони таърихномаҳои асримиёнагӣ яке аз чунин масъалаҳо ба шумор меравад. Аз ин ҷиҳат мавзуи интихобнамудаи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, метавонад дар ошкорсозии хусусияти маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII барои таҳқиқоти минбаъда ҳамчун раҳнамо хидмат намояд.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, шаш боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқии унвонҷӯй иборат аст.

Дар муқаддима (с.4-18) мубрамиву дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, навгонии илмии диссертатсия, усулҳои пажуҳиш, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, сарчашмаҳои маводи гирдомада, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии унвонҷӯ дар пажуҳиши мавзуъ, коркарди амалии натиҷаҳои диссертатсия ва монанди инҳо баррасӣ гардидааст.

Боби аввали диссертатсия - **“Таҳаввулот дар сабки нигориши таърихномаҳои форсӣ-тоҷикӣ”** (с.19-69), аз се фасл фароҳам омада, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки таҳаввули сабки нигориши таърихномаҳои ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва аз забони арабӣ тарҷумашударо дар давоми чаҳор қарн, яъне садаҳои X-XIII нишон диҳад.

Муаллиф нахуст дар тамаддуни ҷаҳонӣ мақоми шоиставу арҷманд доштани таърихнигории форсӣ-тоҷикиро таъкид карда қайд менамояд, ки барои муаллифи осори таърихӣ танҳо огоҳ будан аз таърихи ҳодисаву воқеот кофӣ нест, балки зарур меояд, ки матлабашро огоҳона бо истифодаи мавридшиносонаи калима, ибораву ҷумлаҳо ифода намояд.

Баъдан диссертант дар бораи ҷараёни таълифи таърихномаҳо дар ҳар давр маълумот дода, ба хулосае меояд, ки агар дар оғози инкишофи забони адабии тоҷикӣ, бахусус садаи X танҳо таърихномаҳои тарҷумавӣ вуҷуд дошта бошанд, пас дар даврони баъдӣ, аз ҷумла қарнҳои X-XIII дар баробари аз забони арабӣ тарҷума гардидани чунин осор бо худи ин забон эҷод шудани таърихномаҳо сурати бештар пайдо намудааст. Диссертант ҳамчун далел таърихномаҳои тарҷумавии “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ, “Таърихи Яминӣ”-и Утбӣ, осори таърихии ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълифшудаи “Таърихи Байҳақӣ”-и Абулфазли Байҳақӣ, “Таърихи Байҳақ”-и Абулҳасани Байҳақӣ, “Зайн-ул-ахбор”-и Абусаиди Гардезӣ, “Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас”-и маҷҳулмуаллиф, “Табақоти Носирӣ”-и Минҳоҷи Сироҷ ва м. инҳоро зикр мекунад.

Муаллиф бо мақсади нишон додани таърихи хеле куҳан доштани илми таърихнигорӣ аз катибаҳои Ҳахоманишӣ ёдовар мегардад, ки дар онҳо воқеоти даврони пешазмелодӣ инъикос шудаанд. Аз таҳлили тарзи баёни чунин катибаҳо муаллиф ба хулосае меояд, ки дар чунин катибаҳо андешаҳо танҳо хушку холӣ ифода нашуда, дар мавридҳои алоҳида, дар онҳо унсурҳои ба эҳсос таъсиркунанда, аз ҷумла воҳидҳои фразеологӣ низ ба кор рафтаанд.

Диссертант забони осори ба забони асл таълифшуда ва тарҷумавиро ба риштаи таҳлил кашида, бо такя ба андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ

мегӯяд, ки онҳо ба ҷуз сарчашмаи муфиди матолиби таърихӣ ба шумор рафтанашон инчунин маъхази беназири луғоту ифодаҳои забон низ ҳисоб меёбанд. Диссертант ҳамчун далел як силсила воҳидҳои фразеологии гуногунсохт, мисли *дили касе бипечидан, рӯзгор гирифтан, гилем андар сар кашидан, рама дур бирасидан, дили касе бартофтан, аз даст бишудан, ангушти ҳазозату ғайз хоидан* ва м. инҳоро зикр менамояд.

Боби 2-юми диссертатсия "**Мансубияти забонии вожаҳои таркиби воҳидҳои фразеологии соматикӣ**" (с.69-123) аз ду фаслу чор зерфасл иборат буда, дар онҳо муаллиф дар бораи асоси воҳидҳои фразеологиро ташкил кардани вожаҳои аслии тоҷикӣ, маҳз як навъ созандаи суроби воҳидҳои рехта ба шумор рафтани чунин воҳидҳои луғавӣ, ташаккули воҳидҳои фразеологии номиву феълӣ танҳо аз калимаҳои аслии тоҷикӣ ва тоҷикиву арабӣ андешаронӣ карда, онҳоро аз нигоҳи сохтор ба ду навъ: таркибҳо ва ибораҳо дастабандӣ намудааст. Дар натиҷаи таҳлил диссертант ошкор кардааст, ки дар забони тоҷикӣ аз қадимулайём теъдоди таркибҳои рехта назар ба ибораҳо камтар будааст. Баъдан дар шаклгирии чунин навъҳои воҳидҳои фразеологӣ нақши калимаҳои ёрирасон, мисли пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо ва бандаки изофиро қайд карда, вижагиҳои истифодаи онҳоро дар таърихномаҳо баррасӣ кардааст.

Дар таҳқиқи худ диссертант ба хулосае омадааст, ки дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ мавқеи калимаҳои аслии тоҷикӣ ҳамешагӣ буда, маҳз онҳо бавуҷудоварандаи мазмуни доимии воҳидҳои фразеологӣ ба шумор мераванд. Як ҳиссаи чунин вожаҳои меҳварии ин гурӯҳи захираҳои луғавии забонро калимаҳои соматикӣ ташкил медиҳанд.

Диссертант дуруст қайд кардааст, ки аз миёни ин гуна унсурҳои рехтаи забон воҳидҳои фразеологии феълӣ мавқеи ба худ хос дошта, ҳам аз лиҳози мавқеи истифода, ҳам аз ҷиҳати таркиби худ таваҷҷуҳро ба худ мекашанд.

Боби 3-юми диссертатсия "**Мансубияти забонии вожаҳои таркиби воҳидҳои фразеологии ғайрисоматикӣ**"(с. 123-167) фарогири ду фаслу шаш зерфасл буда, диссертант низоми таҳлили боби 2-юмро идома дода, дар

ин гуна бахшҳо низ нақши муҳимму аввалдараҷа доштани унсурҳои луғавии аслии тоҷикиро дар бунёди воҳидҳои фразеологӣ таъкид кардааст. Таҳлил ба диссертант имкон додааст ба хулосае ояд, ки дар таркиби воҳидҳои фразеологии номии таърихномаҳо се хели калимаҳо: аслии тоҷикӣ, аз забонҳои дигари эронӣ (мисли суғдӣ, портӣ) ва арабӣ ширкат намуда, дар байни воҳидҳои фразеологии феълӣ танҳо ду навъи ин гуна вожаҳо: аслии тоҷикӣ ва арабӣ нақш доранд.

Чунин воҳидҳои фразеологӣ ба ду навъ: таркибҳо ва ибораҳо тақсим гардида, корбурди навъи дуюм дар осори таърихии асрҳои X-XIII имтиёз дорад. Муаллиф барҷо қайд менамояд, ки аз байни ду навъи ибораҳо: номӣ ва феълӣ дар таърихномаҳо хели дувум аз лиҳози теъдод бартарӣ дошта, хусусияти муҳимми тафовуткунандаашон ин аст, ки робитаи сарфию наҳвии байни ҷузъҳои онҳо барҳам нахӯрда, то андозае нигоҳ дошта шудаанд.

Аз таҳлили диссертант маълум мегардад, ки дар таркиби воҳидҳои фразеологии аз ҳисоби калимаҳои ғайрисоматикӣ ташаккулёфта вожаҳои мансуб ба исм (мор, гург, мӯр, малах, мурод), сифат (дур, наздик, гарм, сард) ва феъл (гаштан, доштан, печидан, сахт шудан, дароз гаштан) ҳамчун унсурҳои меҳварӣ нақши шоиста бозидаанд.

Ба риштаи қиёс кашида шудани воҳидҳои фразеологии танҳо аз вожаҳои аслии тоҷикӣ ташаккулёфта бо навъи аз калимаҳои аслии тоҷикиву арабӣ бунёдгардида диссертантро ба хулосае овардааст, ки навъи аввал имтиёз дорад ва теъдоди калимаҳои аслии тоҷикӣ ба 99 адад мерасад.

Дар ин боби рисола инчунин дар хусуси куҳна гардидани яке аз воҳидҳои фразеологӣ ва танҳо дар таркиби иддае аз онҳо гардиш доштанашон (мисли *молу манол*), дараҷаи корбурди ин гуна захираҳои луғавии забон дар осори таърихии мавриди таҳлил, бо гузашти замон бештар иваз шудани яке аз ҷузъҳои таркиби воҳидҳои фразеологӣ, ба маъноҳои ғайримаъмул мавриди истифода қарор гирифтани иддае аз онҳо ва м. инҳо мулоҳизаронӣ шудааст.

Боби 4-ум диссертатсия **“Воҳидҳои фразеологии сермувозӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII”** (с.167-215) шомили панҷ фаслу ду зерфасл буда, дар онҳо диссертант ба вуҷуд омадани мувозиҳои воҳидҳои фразеологии дар таърихномаҳои мавриди таҳлил мавҷударо бо тағйири овоии вожаҳо, калимаҳои мансуб ба исм, сифат, феъл, зарф, инчунин пешвандҳои шаклсозу калимасоз ва пешоянду пайвандакҳои таркиби ибораҳои рехта баррасӣ намудааст.

Таҳлил ва муқоисаи се шакли мувозии воҳидҳои фразеологии дар осори таърихӣ дучоршуда: овоӣ, луғавӣ ва сарфӣ диссертантро ба хулоса овардааст, ки ҳиссаи ками онҳоро мувозии фонетикӣ, қисми нисбатан бештарро навъи сарфӣ ва гурӯҳи аз ҳама зиёдро хели луғавӣ дар бар гирифтаанд.

Муқоиса кардани ивазшавии калимаҳои таркиби воҳидҳои фразеологӣ боиси чунин хулосаи унвонҷӯ шудааст, ки агарчи дар ин вазифа вожаҳои мансуб ба чор ҳиссаи нутқ: исм, сифат, зарф ва феъл ба кор рафтаанд, вале теъдоди бештари чунин гунаҳо дар натиҷаи ивазшавии исму феъли таркиби воҳидҳои фразеологӣ ба вуҷуд омадаанд.

Як хусусияти ҷолиби кори диссертатсионии Ҷӯраева С. Б. ин аст, ки дар ҳама бобу фаслҳо, аз ҷумла дар қисми мувозиҳо онро дар ду давра: замони таълифи таърихномаҳо ва давраи ҳозира ба риштаи қиёс кашидааст ва чунин муқоиса нишон додааст, ки баъзан яке аз мувозиҳо бидуни дигаргунӣ боқӣ мондааст, гоҳо иддае аз онҳо ба таҳаввулоти шаклӣ дучор шудаанд ва дар мавриди сеюм баробари ба таҳаввулот дучор гардидани шакл вусъат ёфтани маъноянҳон низ ба назар мерасад.

Дар заминаи маводи фаровони аз таърихномаҳои садаҳои X-XIII гирдомада муаллифи диссертатсия муайян кардааст, ки дар ташаккули мувозиҳои сарфии воҳидҳои фразеологӣ ду гурӯҳи унсурҳои грамматикӣ: пешвандҳои шаклсозу калимасози феъл, аз як тараф, ва пешояндҳо, аз ҷониби дигар, ширкат кардаанд, вале навъи дуюми онҳо (пешояндҳо) нақши бештар дошта, миқдори ин гуна мувозиҳо низ зиёд ҳастанд.

Мувозиҳои бо иштироки пешояндҳо арзи вуҷуд карда бо ду роҳ пайдо шудаанд: 1) бар ивази як пешоянд ба кор рафтани пешоянди дигар; 2) бар ивази шакли қадими ин ё он пешоянд \ қолабҳои пешояндиву пасояндӣ истифода шудани мувозии баъдии он.

Боби 5-уми диссертатсия "Воҳидҳои фразеологии муродифӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII" (с.215-257) панҷ фаслро фарогир буда, дар онҳо муаллиф мулоҳизаҳояшро дар нисбати дараҷаи корбурди воҳидҳои фразеологии муродифӣ, зикри марг бо ёрии калимаҳо, таркибҳо ва ибораҳо, инчунин зикри қатлро тавассути воҳидҳои фразеологӣ баён намудааст.

Диссертант нахуст нақши вожаву таркиб ва ибораҳои муродифиро дар мушаххас, нишонрас ва зебову гӯшнавоз баён шудани матлаби адиб ёдовар шуда, баъдан сабаби корбурди онҳоро дар таърихномаҳои садаҳои X- XIII изҳор намудааст. Аз қайду ишораҳои диссертант маълум мегардад, ки дар чунин осори таърихӣ дар радифи дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ инчунин ҳамин гуна захираҳои луғавии муродифмаъно дучор меоянд. Муаллифон ё мутарҷимони ин гуна осор гоҳ аз таркибҳо ва гоҳ аз ибораҳои рехтаи ҳаммаъно вобаста ба тақозои баёни матлаб истифода намудаанд. Маълум мешавад, ки дар чунин таърихномаҳо истифодаи воҳидҳои фразеологии муродифӣ бо мақсади якнавохту дилгир нагардидани матлаб, хаста нагардидани хонанда аз мутолиаи он ва навозиш ёфтани завқ аз чунин осор пеш гирифта шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъала ба мансубияти забонии вожаҳои таркибии ин гуна воҳидҳои фразеологӣ дахл карда, онҳоро ба ду навъ дастабандӣ кардааст: онҳое, ки ҳамаи вожаҳои таркибашонро унсурҳои луғавии аслии тоҷикӣ ва гурӯҳе, ки дар дохилашон ба ҷуз вожаҳои аслии тоҷикӣ инчунин иқтибосҳои арабӣ мавҷуданд. Маълум мегардад, ки навъи аввал фарогири 22 адад буда, хели дуюм 19 ададро дар бар мегиранд (дар 9 маврид дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ фақат як адад, дар 7 ҳолат ду адад ва дар 3 маврид се-чор адад калимаҳои арабӣ ба кор рафтаанд).

Дар фаслҳои боби мазкур таҳлилҳои диссертант дар бораи бо хусусиятҳои сохториву маъноияшон диққатҷалбкунанда будани иддае аз ин гуна ибораҳои рехта ва дар таърихи забони адабии тоҷикӣ камназир ҳисобёбии онҳо; дар ифодаи иддае аз матлаб корбастшавии ду ибораи муродифӣ, вале дар давраи ҳозира пойдормонии танҳо яке аз онҳо; бо нодирии худ тафовут доштани бархе аз онҳо; бо тобиши маъноӣ, ё бо обуранги услубӣ, ё ки аз ҳар ду ҷиҳат аз якдигар тафовут доштани ҳар кадоми чунин ибораҳои рехтаи муродифӣ; дар таркиби теъдоди бештари ин гуна воҳидҳои фразеологӣ корбастшавии вожаи меҳварии *ҷон*; аз байни осори таърихии ин даврон ба кор рафтани бештари чунин воҳидҳои фразеологӣ дар тарҷумаи "Таърихи Яминӣ" ва м. инҳо шоёни таҳсин аст.

Боби 6-уми диссертатсия "Воҳидҳои фразеологии нодир дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII" (с.257-298) фарогири се фаслу се зерфасл буда, диссертант дар чунин бахшҳои рисола ин навъи захираҳои луғавии забонро ба ду навъ: онҳое, ки дар фарҳангномаҳо зикр шудаанд ва онҳое, ки дар луғатномаҳо ишора нагардидаанд, дастабандӣ кардааст.

Дар оғози ин боб диссертант нахуст таъкид мекунад, ки "Истифодаи ибораҳои фразеологиро дар қатори дигар сарватҳои луғавии мардумӣ на танҳо дар таърихномаҳои бо забони форсии тоҷикӣ таълифшуда дучор мегардем, балки ин гуна хусусият хоси осори тарҷумавӣ низ ҳаст, зеро ин навъи таълифот танҳо тарҷумаи ҳарф ба ҳарф аз забони бегона набуда, онҳоро мутарҷимон бо назардошти табиати забони модари хеш аз як забон ба забони дигар баргардонидаанд". Баъдан дорои тафовутҳои муайян будани ҳар кадоме аз чунин осорро дар истифодаи воҳидҳои фразеологӣ ишора карда, бо мақсади собит кардани нодирии ҳиссае аз онҳо ин гуна сарвати луғавии забонро бо маводи фарҳангномаҳои гузаштаву имрӯза қиёс кардааст. Диссертант таъкид менамояд, ки кулли ҷузъҳои таркибии чунин воҳидҳои фразеологӣ танҳо аз вожаҳои аслии тоҷикӣ фароҳам омада, онҳо ба се даста тақсим мешаванд: 1. Воҳидҳои фразеологии и танҳо дар як таърихномаи садаҳои X-XIII мустаъмал; 2. Воҳидҳои фразеологии дар чанд таърихномаи

садаҳои X – XIII дучоршуда; 3. Воҳидҳои фразеологии и дар осори ҳама даврон гардишдошта.

Аз қиёси дараҷаи истифодаи се навъи воҳидҳои фразеологӣ диссертант ба хулосае омадааст, ки гурӯҳи аввал аз лиҳози миқдор кам буда, бархе аз онҳо баъдан бакуллӣ аз забони тоҷикӣ хориҷ гардиданд, ҳиссаи дигарашон агарчи ба он гунаи дар таърихномаҳо забтгардида ба назар намерасанд, аммо дар намуди дигар байни мардум гардиш доранд.

Нодир будани ин гуна ибораҳоро муаллиф бо ин нукта исбот менамояд, ки онҳо дар луғатномаҳои ба диссертант дастрас бо ҳамон шаклҳои дар осори таърихӣ зикргардида дучор нашудаанд, ё бо вуҷуди дар осори мансуб ба жанрҳои дигар мавриди истифода қарор гирифтани бархе аз ин гуна ибораҳо маъноянашон бо маънои дар таърихномаҳо истифодагардида мувофиқат намекунанд.

Муаллифи диссертатсия бо мақсади нишон додани бартарии таърихномаҳо дар корбурди бештари воҳидҳои фразеологии нодир онҳоро бо якдигар қиёс кардааст ва ба натиҷае расидааст, ки аз байни ҳафт таърихномаи мавриди таҳлил аз ҳама беш чунин аносири нодир дар “Таърихи Байҳақӣ” бо хусусиятҳои аҷибу нотакрор истифода шудаанд.

Чунин низоми таҳлилро диссертант дар маврии воҳидҳои фразеологии дар чанд таърихномаи садаҳои X – XIII дучоршуда ва дар осори ҳама даврон гардишдошта пеш гирифта қайд мекунад, ки таҳлил ва муқоисаи дараҷаи корбурди воҳидҳои фразеологии и дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII мавриди истифода қароргирифта нишон медиҳад, ки аз байни дигар навъҳои ин гуна воҳидҳои фразеологӣ бартарии онҳое мушоҳида мешавад, ки аз нахустасрҳои миёна сар карда, то дер гоҳ дар гардиш қарор доштаанд.

Фасли дуюми ин боб ба воҳидҳои фразеологии дар фарҳангномаҳо зикрнагардида бахшида шудааст. Бино ба қайди муаллиф, шарҳи ин гуна воҳидҳои фразеологии чи дар таърихномаҳои ба забони асл таълифгардида ва чи аз арабӣ тарҷумашуда, дар ҳеҷ кадом фарҳангномаҳои барояш дастрас,

ҳатто “Луғатнома”-и А.Деҳхудо, ки дар давраи имрӯза яке аз фарҳангномаҳои комил ба шумор меравад, қайд нагардидаанд.

Ҳамин тавр, диссертант мансубияти забонии ҷузъҳои чунин воҳидҳои фразеологӣ, робита доштани онҳо ба суннатҳои куҳани мардуми тоҷик, аз ганҷинаи ғании забони зиндаи халқ огоҳии хуб доштани муаллифон ё мутарҷимони таърихномаҳо ва монанди инҳоро баррасӣ карда, дар фасли охир дар бораи воҳидҳои фразеологии аз забони арабӣ тарҷумагардида маълумот додааст ва қайд кардааст, ки дар радифи силсилаи воҳидҳои фразеологии аз даврони бостон то қарнҳои X-XIII идомаёфта дар бархе таърихномаҳои ба забони форсӣ - тоҷикӣ таълифгардида ва тарҷумавии садаҳои мавриди таҳлил, ба хусус се адади онҳо: “Таърихи Табарӣ”-и Балъамӣ, “Таърихи Яминӣ”-и Ҷурфодиқонӣ ва “Таърихи Байҳақӣ” гунаи тарҷумагардидаи бархе воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида мешавад. Тарҷумаи арабӣ ҳисоб шудани баъзеи чунин воҳидҳои фразеологиро худи муаллифони иддае аз таърихномаҳо, монанди тарҷумони “Таърихи Табарӣ” таъкид намудаанд.

Диссертант сабаби чунин ҳолатро ба ғайриимкон будани роҳёбии онҳо ба забони бегона ҳисоб мекунад.

Ҷӯраева С. Б. ҳар як назарияи баёнкардаашро бо далелҳои мушаххас аз осори таърихии даврони номбурда эътимоднок карда, шоҳиди фаровоне овардааст, бо мақсади нишон додани дараҷаи таҳаввули шаклу маъноянашон ҳар кадом воҳидҳои фразеологии дар осори таърихӣ мустаъмалро бо забони адабии муосири тоҷикӣ қиёс кардааст. Маълум мегардад, ки як ҳиссаи ин гуна воҳидҳои фразеологӣ аз даврони куҳан то ҳол дар забони тоҷикӣ бидуни тағйир истифода шудаанд, дастаи дигарашон бо таҳаввули ҷузъӣ ё куллии шаклашон боқӣ мондаанд, қисми дигарашон аз лиҳози маъно вусъат ёфтаанд ё маҳдуд гардидаанд, ё ки батамом тағйир ёфтаанд ва иддае аз онҳо аз гардиш хориҷ гардида, бар ивазашон воҳидҳои фразеологии дигари ҳаммаъноянашон ба кор рафтаанд.

Қиёси воҳидҳои фразеологии таърихномаҳои асрҳои X-XIII нишон додааст, ки дар таркиби ҳиссаи ками навъи номии чунин захираҳои луғавии забон, аммо гурӯҳи калони навъи феълӣ вожаҳои соматикӣ ҳамчун унсурҳои суробсоз нақш доранд. Дар байни ин гуна вожаҳо аз ҳама беш калимаи *дил* ҳамчун унсури суробсози воҳидҳои фразеологӣ ба кор рафта, он дар таркиби 53 адади чунин захираҳои луғавии забон ба кор рафтааст. Ҳамин тавр, калимаҳои *даст* дар 29 адад, *чашм* дар 23 адад, *сар* дар 18 адад, *забон* дар 13 адад, *рӯй* дар 7 адад дар чунин вазифа истифода гардида, унсурҳои луғавии *гардан*, *даҳон*, *пой*, *пушт*, *дандон*, *ангушт*, *мӯй*, *гӯш*, *пӯст*, *гӯшт*, *хун*, *миён* дар таркиби миқдори ниҳоят ками воҳидҳои фразеологӣ дучор мегарданд.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Ҷӯраева С. Б. таҳқиқоти ҷиддӣ, анҷомёфта ва арзишманди илмӣ ҳисоб ёфта, навоварияш дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи корбурди воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва аз забони арабӣ тарҷумагардидаи садаҳои X-XIII бори нахуст ба риштаи таҳлил кашида шудааст ва вижагиҳои маъноиву сохтории онҳо бо зикри маводи фаровон ошкор гардидааст.

Таҳқиқоти мавриди баррасӣ дар оянда барои ҳамвор гардидани роҳ дар пажуҳиши фразеологияи таърихӣ мадади калон расонида, аҳамияти илмиву амалияш маҳз дар ҳамин нукта зоҳир мешавад.

Дар баробари комёбиҳои фаровон дар диссертатсияи мавриди назар дар ҳолатҳои алоҳида ғалатҳо ва нуктаҳои баҳсталаб мушоҳида мешаванд, ки, ба назари мо, ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси болоравии ҳусни таҳқиқоти мазкур хоҳад шуд:

1. Таносуби қисмҳои муқаддима баъзан риоя нашудааст. Масалан, агар “Дарачаи тадқиқоти илмӣ” ҳаҷман 7 саҳифа бошад, “Навгонии таҳқиқ” ҳамагӣ ним саҳифаро ташкил додааст, ки ин нокифоя мебошад.
2. Нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда ҳамагӣ аз 9 банд иборатанд, ҳол он ки ҳаҷми рисола шаш боб буда, бештар аз 300 саҳифаро дар бар мегирад, яъне дар 9 банд баён кардани натиҷаҳои кор кофӣ нест.

3. Диссертант дар муқаддима ба корҳои илмии олимону муҳаққиқони Ғарб ва Эрон бештар такя кардааст ва аз таҳқиқоти илмии олимони тоҷик камтар сухан рондааст. Барои беҳбудии кор миқдори таҳқиқоти олимони мо ва дастовардҳои онҳоро шарҳ додан лозим аст.
4. Дар кори илмӣ рақамҳои иқтибосҳои дохили рисола бо рақамҳои рӯйхати адабиёт мувофиқат намекунанд.
5. Воҳидҳои фразеологӣ ва ибораҳои рехтаи ба доираи таҳлил воридшуда аз рӯйи маънои луғавӣ ба таври нокофӣ гурӯҳбандӣ шудаанд.
6. Чун дар рисола маводи таърихӣ мавриди таҳлил қарор дорад, ба салоҳияти кор аст, ки диссертант на танҳо тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ ва ибораҳои рехтаи матнҳоро баррасӣ мекард, балки ҳамчунин таҳлили этимологии бархе аз калимаҳоро низ пешниҳод мекард (аз рӯйи маводи “Этимологический словарь иранских языков”).
7. Дар диссертатсия баъзан қоидаҳои имлои нави забони тоҷикӣ риоя нашудааст (саҳ. ..., 133, 134, 142, 150, 153 ....), инчунин ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 23, 24, 25, 28, саҳ. 29, саҳ 31, саҳ 33, саҳ 45) ба назар расиданд.

Эродҳои фавқуззикр хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши пажуҳиши мазкурро паст намегардонанд.

Мазмуни диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна таҳти унвони «Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» бо фишурдаҳои он, ки ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ навишта шудаанд, инчунин монография ва 25 мақолае, ки 15-тои онҳо дар нашрияҳои маҷаллаҳои ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дохилшаванда интишоркардаи муаллиф комилан мувофиқ буда, муҳтавои тадқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсия бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна «Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ таҳқиқоти баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забони тоҷикӣ ва забоншиносии назариявӣ ва амалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон муҳокима гардида, бо қарори №5 аз 7-уми декабри соли 2022-юм тасдиқ шудааст.

Раиси ҷаласа:
д.и.ф., профессор **Д.М. Искандарова**
телефон (дастӣ): 98 570 08 00
почтаи электронӣ: diloroiskandarova@gmail. Com

Экспертҳо: д.и.ф., профессор
телефон (дастӣ): 93 598 35 53
почтаи электронӣ: davlatmirova@mail.ru **М.Б.Давлатмирова**

д.и.ф., дотсент
телефон (дастӣ): 98 570 08 00
почтаи электронӣ: karimovani@gmail.com **Н.И.Каримова**

Котиби ҷаласа: н.и.ф., дотсент **Р.Р.Рачабова**

«Имзоҳои профессорон Д.М.Искандарова, М.Б.Давлатмирова, Н.И.Каримова ва дотсент Р.Р. Рачабоваро тасдиқ менамоям».

Сардори Раёсати кадрҳои
Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон **Раҳимов А. А.**